Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз 26 июли соли 2014, № 1084

**Моддаи 72. Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе**

1. Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе мутаносибан аз ҷумлаи судяҳои ин судҳо таъсис дода мешаванд.

2. Шумора ва ҳайати Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанберо Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

3. Раисони Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе, муовини якум ва муовинони онҳо ба ҳайати Раёсати суди дахлдор аз рӯйи вазифаашон дохил мешаванд.

4. Дар Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххас прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, прокурорҳои вилоят, шаҳри Душанбе ё муовинони онҳо иштирок менамоянд.

5. Дар маҷлисҳои Раёсат, ки ба баррасии парвандаҳои мушаххас иртибот надоранд, бо даъвати раисони Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе судяҳои дигар судҳо иштирок карда метавонанд.

**Моддаи 73. Салоҳияти Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе**

Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе:

- ба тариқи назоратӣ парвандаҳои граждании, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ менамояд;
- пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурорро доир ба зарурати аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда баррасӣ менамояд;
- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани қарори суди марҳилаи назоратӣ, ки дар асоси он ҳалномаи суди марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё ҳалномаи нав қабул шудааст, баррасӣ менамояд;
- бо пешниҳоди раиси суд аз ҷумлаи судяҳо ҳайати коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва аз ҷумлаи муовинони раиси суд ва судяҳо раисони ин коллегияҳои судиро тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои ташкили кори коллегияҳои судиро баррасӣ менамояд, дар бораи фаъолияти коллегияҳои судӣ ҳисоботи раисони коллегияҳои судиро мешунавад;

- маводи ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва омори судиро баррасӣ менамояд;

- ҳисоботи раисони коллегияҳои судиро оид ба фаъолияти коллегияҳо, раисони судҳои шаҳр ва ноҳияро дар бораи фаъолияти ин судҳо мешунавад, масъалаҳои кори дастгоҳи судро баррасӣ менамояд;

- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

**Моддаи 74. Тартиби кори Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе**

1. Маҷлисҳои Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе дар мавридҳои зарурӣ гузаронида шуда, дар сурати иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Раёсат салоҳиятнок ҳисобида мешаванд.

2. Қарори Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе ба тариқи овоздиҳии ошкоро бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои дар овоздиҳӣ иштирокдошта қабул мегардад ва ба он раиси суди дахлдор имзо мегузорад.

3. Қарори Раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе аз рӯзи қабул намудани он эътибори қонунӣ пайдо мекунад.